**Протоколи №10**

Маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз 04. 05. 2022 с. ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 19- нафар аъзои Шӯрои олимон 16 иштирок дошта, 3- нафар бо сабабҳои узрнок иштирок надоштанд. Дар Шӯрои олимон шахсони даъватшуда иборат аз 10 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд, иштирок намуданд. Пешниҳод гардид, ки ҷаласа ба кори худ шуруъ намояд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

**Баррасии диссертатсияи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович «Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Унвонҷӯ Обидов Р.Ҳ. роҷеъ ба муҳтавои асосии рисола маърӯза намуда, ба саволҳои ҳозирин ба таври мушаххас ҷавоб дод.

Сипас, роҳбари илмии унвонҷӯ Муҳидинов Саидалӣ Раҷабович - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва таърихи ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, муқарризони холис н.и.т., дотсент Неъмонов Б. ва н.и.т., дотсент Сайнаков С. П. баромад намуданд. Онҳо тавассути тақризи худ кори диссертатсионии Р. Ҳ. Обидовро мусбат арзёбӣ намуданд. Дар баробари ин, муқарризони холис пешниҳод намуданд, ки мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ "Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон" номгӯзорӣ шуда, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод карда шавад.

Баъд аз баромади муқарризони холис муҳокимаи умумии рисола оғоз гардид. Музокирачиён пешниҳоди муқарризони холисро якдилона ҷонибдорӣ намуданд. Бо дарназардошти пешниҳодҳои зикршуда,

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович “Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон” номгӯзорӣ шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод карда шавад.
2. Диссертатсияи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович “Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси Шӯрои олимони факултети таърих:** **А. Ҳусайнов**

**Котиби Шӯрои олимони факултети таърих:** **М. Ганҷакова**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНИ * ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ